3456 - Пайравӣ аз имом дар намози таровеҳ то ба охир расидани он

савол

Агар саҳеҳтарин дидгоҳ дар мавриди шумораи ракъатҳои намози таровеҳ ёздаҳ ракъат бошад ва ман дар масҷиде намоз бихонам, ки мардум дар он ҷо намози таровеҳро бисту як ракъат мехонанд. Оё метавонам пас аз ракъати даҳум аз масҷид берун шавам ё беҳтар аст, ки бо онҳо бисту як ракъатро комил бихонам?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Беҳтар аст, ки намозро бо ҳамроҳи имом ба поён бирасонад, агарчи зиёда аз ёздаҳ ракъат намоз бихонад, зеро зиёд хондани таровеҳ ҷоиз аст. Далели он сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст, ки мефармояд:

«Ҳар кас бо ҳамроҳи имом ба намоз биистад, то ин ки имом аз намоз фориғ шавад, Аллоҳ таъоло барояш савоби намози як шабро менависад».

Ривояти Насоӣ ва дигарон. Китоби "Сунану-н-насоӣ", боби "Қиёму шаҳри Рамазон".

Ҳамчунин далели он сухани зерини паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст, ки мефармояд:

«Намози шаб ду ракъат, ду ракъат аст. Ва агар аз фаро расидани субҳ битарсӣ, як ракъат намози витр бихон». Ин ҳадисро ҳафт муҳаддисон ривоят кардаанд ва ин лафзи Насоӣ аст.

Бе шак пойбандӣ ба суннати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) авлотару беҳтар аст ва савоби бештаре дорад, ба шарте ки тулонӣ ва зебо анҷом дода шавад, аммо агар сухан дар мавриди интихоб байни тарки имом ба хотири шумораи ракъатҳо ё боқӣ мондан бо ӯ дар ракъатҳои изофагӣ бошад, беҳтар аст, ки намозгузор бо имом то охир намоз бихонад,

далели он ҳадисҳои қаблӣ мебошад. Дар баробари ин бояд имомро ба пайравии суннат насиҳат кард.